**ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ИЛМ**

**Парвандаи аттестатсионии №___________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 10.02.2024, №24**

Барои сазовор донистани **Сафаров Баҳром Гулматович,** шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ

Диссертатсияи Сафаров Баҳром Гулматович дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии рушди иқтисоди кушод дар шароити тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) санаи 09 ноябри соли 2023 барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №20-и Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 декабри соли 2021, таҳти №350 таъсис дода шудааст.

Сафаров Баҳром Гулматович соли 1998 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси муносибатҳои иқтисоди байналхалқӣ хатм намудааст. Сафаров Баҳром Гулматович соли 2004 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Рыночные механизмы реализации экспортного потенциала Республики Таджикистан» аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисодӣ сиёсӣ) дар шурои диссертатсионии Институти таҳқиқоти иқтисодӣ ДМ.737.008.01 назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бомуваффақият ҳимоя намуда, соҳиби дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ гардид.

Мушовири илмии докторант - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло мебошад.

Диссертатсияи Сафаров Баҳром Гулматович дар мавзуи “Масъалаҳои назариявии рушди иқтисоди кушод дар шароити тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба таври ошкоро аз 30 августи соли 2023, суратмаҷлиси №5 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқаррizон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Баҳром Гулматович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 06.04.2007, протоколи №3/4 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода гардидааст.

**Мушовири илмӣ:**

Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Қодирзода Диловар Баҳридин** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Исмоилов Маҳмадраҳим Мирзораҳимович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

**Асрорзода Убайдулло Саттор** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд Ҷумҳурии Тоҷикистон) тақризи мусбат, ки аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризоқулов Т.Р. омода карда шуда, аз тарафи раиси ҷаласа н.и.и., дотсент Маҳмудов М.Қ. имзо гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 11 январи соли 2024, суратҷаласаи №5 баррасӣ гардида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода М.М. аз 11 январи соли 2024 №5 тасдиқ карда шудааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Сафаров Баҳром Гулматович дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии рушди иқтисоди кушод дар шароити тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои докторӣ, ки бо "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқарар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафаров Баҳром Гулматович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) сазовор мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Довталаби

дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 61 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 монография, 2 мақолаи SCOPUS ва 30 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТ

### Монографияҳо:

[1-М]. Сафаров Б.Г. Экспортный потенциал страны: Теоретические основы анализа (классические, неоклассические и институциональные подходы) [Текст]: монография / Сафаров Б.Г. - Душанбе: «Ирфон», 2003. – 24 с.

[2-М]. Сафаров Б.Г. Экспортный потенциал Республики Таджикистан: рыночные механизмы реализация (теоретический аспект) [Текст]: монография / Сафаров Б.Г. - ISBN 5-667-01525. - Душанбе: «Ирфон», 2005. – 128 с.

[3-М]. Сафаров Б.Г., Проблемы и перспективы реализации экспортного потенциала республики Таджикистан через привлечение иностранных инвестиций [Текст]: монография / Б.Г. Сафаров, А.А. Солиев - Душанбе: «Ирфон», 2006. – 144 с.

[4-М]. Сафаров Б.Г., Республика Таджикистан на пути к открытой экономики[Текст]: монография / Сафаров Б.Г. Под общей редакции Саидмурадов Л.Х. Душанбе: Ирфон, 2008. – 166 с.

[5-М]. Сафаров Б.Г. Регионы Республики Таджикистан: диагностика и методы оценки социально-экономического развития [Текст]: монография / Л.Х. Саидмурадзода, Ф.М. Муминова, Б.Г. Сафаров, Х.К. Юнусзода - Душанбе: «Маориф», 2021.- 163с.

[6-М]. Сафаров Б.Г. Қонуният ва тамоюли рушди иқтисоди кушоди давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ [Текст]: монография / Сафаров Б.Г. ISBN 978-99985-41-26-9, БИ №8255,- Душанбе: «Ирфон», 2023.-240 с.

### Мақолаҳои чопшуда дар маҷаллаҳои SCOPUS

[7-М]. Safarov B.G., Morkovkin, D.E., Gibadullin A.A., Alpatova, E.A. Definition of factors limiting the growth of industrial production (Определение факторов ограничивающих рост промышленного производства) / B. G. Safarov, D. E. Morkovkin, A. A. Gibadullin, E. A. Alpatova // IOP Conference Series: Materials Science and Engineering, Krasnoyarsk, 16–18 апреля 2020 года / Krasnoyarsk Science and Technology City Hall of the Russian Union of Scientific and Engineering Associations. Vol. 862. – Krasnoyarsk: Institute of Physics and IOP Publishing Limited, 2020. – P. 42013.

[8-М]. Safarov B.G., Ivanova, I.A., Pulyaeva, V.N., Vlasenko, L.V., Gibadullin, A.A.Collaboration of different generations in the digital environment of the economy (Сотрудничество разных поколений в условиях цифровой экономики). / B.G. Safarov, I. A. Ivanova, V. N. Pulyaeva, L. V. Vlasenko [et al.] // IOP Conference Series: Earth and Environmental Science : conference proceedings, Krasnoyarsk, Russia, 13–14 ноября 2019 года / Krasnoyarsk Science and Technology City Hall of the Russian Union of Scientific and Engineering

Associations. Vol. 421. – Krasnoyarsk, Russia: Institute of Physics and IOP Publishing Limited, 2020. – P. 32039.

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои КОА чопшуда**

[9-М]. Сафаров Б.Г. Макроэкономическое регулирование проблемы занятости сельского населения Республики Таджикистан в условиях открытого хозяйства [Текст] / Б.Г. Сафаров // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет) № 8 (7). Выпуск 1. - Душанбе, 2011. - С. 281-287.

[10-М]. Сафаров Б.Г. Страхование экспортной операции как движущий фактор реализации внешнеэкономического интереса Республики Таджикистан [Текст] / Б.Г. Сафаров, М. Рахимов // Вестник педагогического университета (Республика Таджикистан) № 11 (6). - Душанбе, 2011. - С. 20-25.

[11-М]. Сафаров Б.Г. Совершенствование механизмов регулирования внешней трудовой миграции в Республике Таджикистан [Текст] / Б.Г. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета № 9 (11). - Душанбе, 2011. - С. 181-186.

[12-М]. Сафаров Б.Г. Экономическая глобализация как ключевой внешний фактор развития национальной и региональной экономики [Текст] / Б.Г. Сафаров, М.Н. Тоджев // Вестник педагогического университета (Республика Таджикистан) № 14 (7). - Душанбе, 2012. - С. 31-38.

[13-М]. Сафаров Б. Г. Развитие внешнеэкономической деятельности регионов Республики Таджикистан в условиях глобализации [Текст] / Б. Г. Сафаров // М. Рыскулбеков атындагы Кыргыз экономикалык университетинин кабарлары. – 2014. – № 1(28). – С. 40-43.

[14-М]. Сафаров Б. Г. Факторный анализ развития внешнеэкономической деятельности регионов Республики Таджикистан [Текст] / Б. Г. Сафаров, Л. А. Эшонджонова // М. Рыскулбеков атындагы Кыргыз экономикалык университетинин кабарлары. – 2014. – № 2(29). – С. 134-138.

[15-М]. Сафаров Б.Г. Рабочая сила как факторный ресурс реализации экспортного потенциала регионов Республики Таджикистан [Текст] / Б.Г. Сафаров // Вестник Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан.- «Таджикистан и современный мир», №3(41).- Душанбе, 2014.-С.100-108.

[16-М]. Сафаров Б.Г. Влияние внешних факторов на экономику Республики Таджикистан [Текст] / Б.Г. Сафаров // Вестник инновационного Евразийского университета, № 1 (57) 2015.- Павлодар, Республика Казахстан, 2015.- С. 81-88.

[17-М]. Сафаров Б.Г. Инвестиционные процессы в Республике Таджикистан: региональный аспект / Б. Г. Сафаров, Д. О. Кандиерова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/1(157). – С. 176-185.

[18-М]. Сафаров Б. Г. Развитие экономики Таджикистана в условиях глобализации [Текст] / Б. Г. Сафаров // Вестник Таджикского национального

университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/4(169). – С. 176-182.

[19-М]. Сафаров Б.Г. Теоретико-методологические основы исследования внешнеэкономической безопасности регионов Республики Таджикиста//Экономики Таджикистана: Стратегия развития, ИЭД АН РТ. Душанбе, 2017. –С.203-207. №4.

[20-М]. Сафаров Б.Г. Институциональные основы формирования и развития рыночной инфраструктуры в приграничных районах Республики Таджикистан [Текст] / Б. Г. Сафаров, М. Н. Ашуров, К. Н. Саидов // Финансовая экономика. Москва.– 2018. – № 8. – С. 155-159.

[21-М]. Сафаров Б.Г. Вопросы и анализа прогнозирования взаимосвязей между реальными и денежными секторами экономики Таджикистана [Текст] / Б. Г. Сафаров, С. Маъдиев // Экономика Таджикистана. – 2018. – № 4. – С. 38-45.

[22-М]. Сафаров Б. Г. Международная практика тенденции цифровизации экономики [Текст] / Б. Г. Сафаров, Д. У. Усмонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 9. – С. 104-109.

[23-М]. Сафаров Б. Г. Динамика и структура привлечения иностранных инвестиций в открытую экономику Республики Таджикистан [Текст] / Б. Г. Сафаров, Д. К. Ходжаев // Экономика Таджикистана. – 2019. – № 2. – С. 65-70.

[24-М]. Сафаров Б. Г. Формирование механизма привлечения прямых иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан [Текст] / Б. Г. Сафаров, Д. К. Ходжаев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2019. – № 2(27). – С. 70-78.

[25-М]. Сафаров Б. Г. Вопросы развития акционерных обществ, созданных с участием государства [Текст] / Б. Г. Сафаров, М. А. Нажмиддинов // Экономика Таджикистана. – 2019. – № 4. – С. 136-143.

[26-М]. Сафаров Б. Г. Механизм обеспечения экономического интереса Республики Таджикистан в условиях глобализации [Текст] / Б. Г. Сафаров, К. С. Шодиев // Паёми Кишоварз – 2019. – № 4. – С. 153-157.

[27-М]. Сафаров Б. Г. Ҳамгироии иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказӣ: муаммоҳо ва имкониятҳои рушд [Матн] / Б. Г. Сафаров, М. С. Содиқов // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 2(22). – С. 57-63.

[28-М]. Сафаров Б. Г. Рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун шакли ҳамгироии мезоиқтисодии кишварҳои ҷаҳон [Матн] / Б. Г. Сафаров, Ф. Ҳ. Давлатов // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 3(23). – С. 35-43.

[29-М]. Сафаров Б. Г. Мезоуровневая интеграция как результат самодвижения открытой экономики регионов страны [Текст] / Б. Г. Сафаров // Финансово-экономический вестник. – 2020. – № 4(24). – С. 42-49.

[30-М]. Сафаров Б. Г. Ташаккули фазои мезоиқтисодӣ ҳамчун омили рушди минтақаҳои кишвар дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / Б. Г. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 2(26). – С. 35-43.

[31-М]. Сафаров Б. Г. Беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ ва нақши он дар рушди иқтисоди миллӣ [Матн] / Б. Г. Сафаров, Л. З. Юнусова // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – No. 6. – С. 68-74.

[32-М]. Сафаров Б. Г. Теоретико-методологические основы исследования внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан (региональный аспект) [Текст] / Б. Г. Сафаров // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № 4-1(29). – С. 34-39.

[33-М]. Сафаров Б. Г. Республика Таджикистан в системе международной транспортно-коммуникационной инфраструктуры региональных интеграционных группировок [Текст] / Б. Г. Сафаров // Финансово-экономический вестник. – 2022. – № 1(30). – С. 104-112.

[34-М]. Сафаров Б. Г. Қонуният ва тамоюли инкишофи иқтисоди кушоди давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар шароити муосир [Матн] / Б. Г. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 4-2(34). – С. 228-245.

[35-М]. Сафаров Б. Г. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии мафҳуми сармоягузории хориҷӣ [Матн] / Б. Г. Сафаров, М. И. Ҳамроев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 4-2(34). – С. 34-42.

[36-М]. Сафаров Б. Г. Ҷанбаҳои назариявии рушди инфрасохтори бозор дар шароити муосир [Матн] / Б. Г. Сафаров, К.Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No.2(31). – С. 43-50.

[37-М]. Сафаров Б. Г. Механизми ҷуброн дар низоми савдои байналхалқӣ ҳамчун унсури раванди ғайрихаттии ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ [Матн] / Б. Г. Сафаров, Л. Ҳ. Саидмуродзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – С. 6-21.

[38-М]. Сафаров Б. Г. Махсусиятҳои тақвияти ҳамгироии иқтисодии давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар низоми хоҷагии кушоди муосир [Матн] / Б. Г. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – No. 2-2(47). – С. 197-207.

[39-М]. Сафаров Б. Г. Асосҳои институтсионалии рушди мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир [Матн] / Б. Г. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(35). – С. 42-35.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Раҳматзода Ҳ.Б.-д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони ДСРТ** бо чунин эрод:

- манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои иқтисодиёти кушод ба таври мушаххас асоснок нагардидааст.

2. **Раҷабов Р.К.- д.и.и., профессори кафедраи фаъолияти гумруки ДДТТ** бо чунин эрод:

- хуб мебуд муаллиф оид ба масъалаи иқтисодиёти кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон свот-таҳлил анҷом дода, самтҳои афалиятноки ҳамгироии мамлакатро муайян мекард.

**3. Набиев Т.Т.- д.и.и., профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо чунин эрод:

- муаллиф метавонист ҳамкориҳои молиявии кишварҳои шарикони рушдро дар доираи кор таҳлил кунад. Ба унвонҷӯ пешниҳод карда мешавад, ки дар таҳқиқоти илмию назариявии оянда ба ин масъала таваҷҷӯҳ намояд.

4. **Азимов А.Ҷ.-д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи иқтисод ва савдои иДДТТ дар шаҳри Хуҷанд бо чунин эродҳо:**

- модели нави ҳамгироии кишварҳо, ки аз тарафи муаллиф пешниҳод гардидаст,ба таври расм пешниҳод нашудааст;

-дар автореферат асоснок нагардидааст, ки истифодаи тавсияҳо рисола дар амал барои рушди иқтисоди миллӣ дарояндаи миёнаи дарозмуддат чӣ натиҷаҳои мусбӣ ва манфӣ меоварад.

**5. Демидова О. А.- д.и.и., профессори департаменти иқтисодиёти амалии Донишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии “Мактаби олии иқтисодӣ”- и Федератсияи Россия .**

**6. Омарбакиев Л.А. - д.и.и., профессори кафедраи молияи Донишгоҳи Туран (Ҷумҳурии Қазоқистон)** бо чунин эрод:

- дар тадқиқот махсусиятҳои маблағгузории лоиҳаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ба инфрасохтори нақлиётию коммуникатсионӣ ва энергетикӣ пурра шарҳ дода нашудааст.

7. **Г.Ф. Фейгин.- д.и.и., профессори кафедраи назарияи умумии иқтисодӣ ва таърихи афкори иқтисодии Донишгоҳи давлатии иқтисодии Санкт-Петербург (Федератсияи Россия)** бо чунин эродҳо:

- дар саҳифаи 18 қайд карда мешавад, ки хусусияти фарққунандаи ҷараёни кушодагии иктисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ аз иштирок кардан дар муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ бо роҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ мебошад. Аммо воқеияти муосир чунин аст, ки дар равандҳои ҳамгироӣ на танҳо кишварҳои пешрафта, балки кишварҳои рӯ ба тараққӣ низ фаъолона иштирок мекунанд. Аз ин рӯ, иштироки фаъолонаи кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар блокҳои ҳамгироии минтақавиро наметавон хусусияти фарққунандаи кушодагии охирин ҳисоб кард;

- дар саҳифаи 53 қайд карда мешавад ба иқтисодиёти кушода ҳам тамоюлҳо ва ҳам низомҳои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ таъсир мерасонад. Дар баробари ин муаллиф аниқ нишон надодааст, ки кадом падидаҳоро ба қонуниятҳои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва кадом падидаҳоро ба тамоюл нисбат додан мумкин аст.

**8. Ҷураев Т.Т.- д.и.и., профессори кафедраи Иқтисодиёти Донишкадаи молияи Ташкент (Ҷумҳурии Узбекистон)** бо чунин эрод:

- дар тадқиқот хусусиятҳои маблағгузории лоиҳаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ оид ба нақлиёт, коммуникатсия ва энергетикӣ ба таври возеҳ шарҳ дода нашудааст.

9. **Давид Ахвердян,- д.и.и., профессор, директори Маркази таҳқиқотии “Амберд”-и Донишгоҳи давлатии иқтисодии Арманистон бо чунин эродҳо:**

-муносибати илмию методологие, ки муаллиф барои арзёбии рушди проблемавии муносибатҳои ҳамгироии минтақавӣ таҳия кардааст, инъикоси муфассалро тақозо мекунад;

- ба андешаи мо, хуб мешуд муаллиф бояд муқаррароти асосии равиши илмию амалии таҳиягардидаро ба интихоби алтернативаҳои стратегии рушди минтақавӣ муфассалтар муаррифӣ мекард.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ**:

- **консепсияи "иқтисоди кушод"** ба таври доманадор шарҳ дода шуда, шакли муосири зуҳуроти он дар сатҳи макро ва мезоиқтисод мушаххас ва дар ин замина қонуният ва тамоюли рущди кишварҳои дорои иқтисоди кушод дар шароити тақвияти ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ҳамчун самти ташаккули бартарияти рақобатии онҳо дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ **ошкор ва асоснок шудааст**.

- **исбот гардидааст:** а) минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ, ҳудуди махсуси иқтисодии ҳамгироишудаи ҷаҳони муосир мебошад; б) минтақаи мазкур дар заминаи ташаккули инфрасохтори моддии ҷаҳонишавӣ (роҳҳои нақлиётӣ, коммуникатсионӣ ва алоқа, истифодаи якҷояи захираҳои иқтисодии наздисарҳадии давлатҳои ҳамгиро) ва механизми ҷуброни арза ва тақозои мутавозин ба молҳои содиршаванда ба вуҷуд меояд; г) ҳамчун категорияи иқтисодӣ муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодии кишварҳоро дар сатҳи мезоиқтисод ифода намуда, (дар муқоиса бо назарияи ҳамгироии хатии Баллас) шакли **ҳамгироии минтақавии иқтисодии ғайрихаттиро** таҷассум менамояд.

- **ошкор шудааст**, ки назарияҳои бартариятҳои нисбӣ ва рақобатии мавҷуда қонуният ва тамоюли инкишофи иктисоди ҷаҳонро ба таври возеҳ нисбат ба иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба инкишофро асоснок наменамоянд. Дар диссертатсия ин назария ва моделҳои бартарият аз нигоҳи ба даст овардани бартарият аз ҳисоби самараи "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ" ё худ **бартарияти ҳамгироӣ** васеъ ва асоснок карда шудааст.

- **пешниҳод шудааст:** самараи синергетикии дар доираи «мезосатҳи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ» бавуҷудоянда дар баробари чунин шаклҳои қонуниятҳои инкишофи хоҷагии ҷаҳонии дар назарияи иқтисоди байналмилалӣ эътирофгардида ба монанди: 1) тақвияти "характери кушодагии низомҳои иқтисодӣ"; 2) тақвияти "байналмилалишавии раванди прогресси техникӣ"; 3) тақвияти «самараи намоиш», инчунин бо ташаккули қонунияти нави муосир – 4) тақвияти "майли интиҳоии минтақаҳои кишварҳои дорои иқтисодиёти кушод ба раванди ҳамгироии минтақавӣ" асоснок карда шавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- **исбот шудааст:** а) ташаккули минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ ҳамчуни ҳолати махсуси ҳамгироӣ ҷараёни ҷаҳонишавиро метезонад ва мавҷудияти ин мезосохтор метавонанд мафҳум ва назарияи ҳамгироии минтақавии иқтисодиро амиқтар ва васеъ намояд; б) дар доираи минтақаи

дорои имконияти ҳамгирой ҳаракати байналмилалии омилҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, аз ҷумла сармояи инфрасохторӣ ва қувваи корӣ шакли мутақобила пайдо намуда, ҳамзамон савдои хориҷӣ дар асоси механизми ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содиршаванда ба роҳ монда мешавад; в) тафсири иқтисодиёти кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавқеи назарияи бартарияти ҳамгирой, ки бо воситаи самараи "минтақаи дорои имконияти ҳамгирой" зоҳир мегардад, нишон медиҳад, ки механизми ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содиршаванда дар савдои байналхалқии кишвар пурра амалӣ нагашта, бар замми ин норасоии сармояи хориҷӣ дар иқтисоди кишвар ба назар мерасад.

- **таҳия гардидааст:** 1) ҷанбаҳои назариявию методологии ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, моҳият ва мундариҷаи равандҳо ва қонуниятҳои рушди иқтисоди миллии кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар хоҷагии ҷаҳонӣ дар шароити ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ; 2) маҷмуи ҳадафҳо, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки муносибатҳои байналхалқии иқтисодии кишварҳои рушдёбанда барои истифодаи васеи илмӣ ва амалӣ; 3) имкониятҳои истифодаи таҷрибаи хоҷагии ҷаҳонӣ оид ба рушди ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, нишонаҳо ва хосиятҳои ҳамгирой дар сатҳи **микро**, **макро** ва **мезоиқтисодиёт.**

- **асоснок шудааст:** а) дар замони муосир тавозуни манфии савдои хориҷӣ ва норасоии сармоя аз ҳисоби интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун даромад аз содироти қувваи корӣ ва омили истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ҷуброн карда мешаванд; б) амалӣ гаштани лоиҳаҳои байналмилалии инфрасохтории нақлиётӣ, коммуникатсионӣ, обию энергетикӣ ва туристию рекреатсионӣ, инчунин тамоили афзоиши воридот нисбат ба содироти мол аз потенсиали калони ҷараёни ташаккули мезосатҳи ҳамгироии минтақавии кишвар, махсусан майли интиҳоии минтақаҳои наздисарҳадии кишвар ба ҷараёни ҳамгирой, шаҳодат медиҳанд; в)) шаклҳои зоҳиршавии самараи бартарияти ҳамгирой дар доираи татбиқи лоиҳаҳои байналмилалию минтақавии нақлиётию коммуникатсионӣ, обию энергетикӣ, сайёҳию рекреатсионӣ ва тавсеаи муносибатҳои ҳамгироии минтақавӣ дар сатҳи мезоиқтисодиёти кишвар.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок** усулҳои таҳлили муқоисавӣ, оморӣ, иқтисодӣ, абстраксияи илмӣ, методҳои экспертӣ, таҳлили омилӣ ва усули экстраполятсия, ки дар таҳқиқотҳои иқтисодӣ муҳим мебошад, самаранок истифода бурда шудаанд.

- **асоснок шудааст:** а) заминаҳои институтсионалии ташаккули мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон; б) ҳаракати кишвар ба самти ҳамгирой ба Созмони Аврупои бузург ҳамчун самти афзалиятноки ташаккули "минтақаи дорои имконияти ҳамгирой" ва роҳи тезонидани суръати ҷаҳонишавиии кишвар ва минтақаҳои он; г) заминаҳои институтсионалӣ ҳамчун неруи асосии пешбарандаи рушди муносибатҳои бозорӣ ва рафъи асимметрия дар низомҳои идоракунӣ ва таъсиси ниҳодҳои нави идоракунии корпоративӣ.

- **исбот шудааст,** ки амалӣ гаштани лоиҳаҳои минтақавию байналмилалии нақлиётию коммуникатсионӣ, ҳамзамон ташаккули механизми савдои хориҷии мақсаднок ва «долонҳои сабз», инчунин ба

«долонҳои иқтисодӣ» табдил гардидани «долонҳои нақлиётӣ» ва ниҳоят ташкили кластерҳои фаросарҳадӣ дар шакли кооператсияи истеҳсолоти саноатӣ ва агросаноатӣ бартарияти ҳамгироии минтақавии Тоҷикистонро тақвият бахшида, тадриҷан майли интиҳоии ҳамгироии минтақаҳои кишварро ба ҷараёни ҳамгироии минтақавӣ афзуда, раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии миллии кишварро таъмин менамояд.

**- асоснок шудааст:** 1) муқаррароти илмӣ оид ба зарурати инкишофи муносибатҳои мезосатҳи ҳамгироӣ ҳамчун воситаи ба даст овардани "бартарияти ҳамгироӣ" ва яке аз роҳҳои татбиқи ҳадафҳои стратегии миллии кишвар; 2) самтҳои афзалиятноки амалигардонии манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодии муосир.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

-***назарияи*** рушди иқтисоди кушод дар шароити тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ба натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ мувофиқ буда, ҳамчун ҷузъи таркибии назарияи рушди иқтисодии муосир пешниҳод шудааст, ки дар амалияи хоҷагидории бозории кишварҳои пешрафта аллакай исботи худро ёфтааст.

-***ғоя*** ба хулосаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомада, аз ҷумла, майли минтақаҳои кишвар ба ҷараёни ҳамгироии минтақавӣ, ба «долонҳои иқтисодӣ» табдил гардидани «долонҳои нақлиётӣ», ҳамгироӣ ба Созмони Аврупои бузург ҳамчун самти афзалиятноки ташаккули "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ" асос ёфтааст.

- ***истифодаи*** потенсиали калони ҷараёни ташаккули мезосатҳи ҳамгироии минтақавии кишвар, ки дар шакли майли интиҳоии минтақаҳои наздисарҳадии кишвар ба ҷараёни ҳамгироӣ, шаклҳои зоҳиршавии самараи бартарияти ҳамгироӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои байналмилалию минтақавии нақлиётию коммуникатсионӣ, обию энергетикӣ, сайёҳию рекреатсионӣ, аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, ба тавсеаи муносибатҳои ҳамгироии минтақавӣ дар сатҳи мезоиқтисодиёти кишвар мусоидат мекунад.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва микдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сатҳи онро 91,63% нишон додааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад,** ки онҳоро дар фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомот ва идораҳои ваколатдор, ки ба татбиқи амалии сиёсати иқисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир машғуланд, татбиқ кардан мумкин аст.

- натиҷаҳои таҳқиқот барои муайян намудани устувории шароити савдои хориҷии минтақаҳо, рушди минтақа ҳамчун субъекти иқтисоди кушоди миллӣ дар ҷанбаҳои тиҷорату сармоягузорӣ, инчунин ба низом даровардани

оқибатҳои мусбӣ ва манфии кушодагии иқтисодии минтақаҳо мусоидат мекунанд.

- мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он вобаста ба нақшаи мантиқии диссертатсия муайян карда, методикаи дар таҳқиқоти олимони соҳа асосёфта таҳқиқотҳои гузаронидашуда, дақиқии маълумотҳо, коркарди омории натиҷаи таҳқиқот, миқдори кофии маводҳои таҳлиливу таҳқиқотӣ ва интишорот тасдиқ гардида, хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи таҳқиқот ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- дар ҳама марҳилаҳои диссертатсия, дар иҷрои нақшаи таҳқиқот, асосноккунӣ, ҷамъоварӣ, коркарди маводи назариявӣ ва методӣ муаллиф мустақилона кору фаъолият намудааст.
- натиҷаи корҳои илмӣ – таҳқиқотии муаллиф дар амалия татбиқ карда шудааст (санади тадбиқ аз ҷониби Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 25.08.2023, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.02.2023, №02-45);
- муқарраротии асосии диссертатсия дар 61 корҳои илмӣ дар ҳаҷми зиёда аз 70 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 6 монография, 2 мақолаи SCOPUS, 30 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, нашр гардидаанд;
- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявие, ки дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2012-2023 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф маърӯза гардиданд.

Шурои диссертатсионӣ ба хулосае омад, ки таҳқиқоти Сафаров Баҳром Гулматович дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии рушди иқтисоди кушод дар шароити тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) корти мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ махсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ буда, дар рушди назарияи иқтисодӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби ҳамгироии минтақаҳо ба таври илмӣ асоснок карда шаванд. Диссертатсия ба бандҳои 1.1, 1.3. ва 1.4-и Шиносномаи ихтисоси илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 аз санаи 10.02.2024 қарори сазовор донистани Сафаров Баҳром Гулматович бо дараҷаи илмии доктори илмҳои иқдисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 15 нафар, аз ҷумла як нафар ба тариқи маҷозӣ, иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз

доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ – 15 нафар, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Усманова Т.Ҷ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Шамсов И.С.**

**10.02.2024**